**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Имрӯзҳо дар заминаи афзудани ихтилофоти назар дар масъалаҳои ҷойу мақоми фарҳанги миллӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, бахусус, вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ, масоили худшиносии миллӣ ва арзишҳои миллии ин ё он халқу миллали ҷаҳон аҳамияти бештар касб мекунад. Гузашта аз ин, ҳамгиройии арзишоти миллӣ ба мазмуни таълиму тарбияи муосир беш аз пеш дар маркази диққати аҳли илму фарҳанг қарор мегирад. Алалхусус, барои ҷовидонии симои маънавӣ ва асолати таърихии халқу миллат арзишҳои миллии он нақше дорад, басо тақдирсоз ва аз ин рӯ, посдории ин арзишҳо, ҷустани ҷавҳари ҳаётии онҳо, ҳамарӯза аҳамияти бештар пайдо хоҳанд кард.

Автореферате, ки тақриз мешавад, пеш аз ҳама бо ҷиҳати асоснок намудани зарурати интихоби мавзӯъ ва аҳамияти таҳқиқи он қобили таваҷҷӯҳ аст. Муаллиф бо назари дақиқи илмӣ оид ба интихоби мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар диссертатсияи мазкур таҷаммоъ ёфтааст, маълумоти мукаммал дода тавонистааст. Бинобарин, аз мутолиаи он манзараи умумии таҳқиқот, раванди пажӯҳиши ботадриҷи он дида мешавад.

Тавсифи хеле мантиқӣ ва пай дар пайи бобу қисмҳои диссертатсия дар автореферат аз муносибати нозукбинонаи муҳаққиқ ба мавзӯъ далолат медиҳад. Гуфтан мумкин, ки воқеан аз тариқи таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллӣ, илми муосири педагогика имконият пайдо хоҳад кард, ки коркарди фарзияҳои навини замонавиро дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои миллӣ, дар такя ба маълумотҳои илман асоснок ба роҳ монад.

Дар автореферат навгониҳои илмии таҳқиқот равшану возеҳ акс ёфтааст, ки аввалан, аз маълумот ва мулоҳизаҳои парокандаи адабиёти илмӣ ва манобеи мавҷуда, мураттаб шудани як кори илман асоснокро собит намудааст. Дигар ин, ки хусусиятҳои сарчашмаҳои таълимиву тарбиявӣ оид ба арзишҳои миллӣ таҳлил шуда, инъикоси ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар онҳо кушода дода шудаанд. Нишон дода шудани роҳу восита ва шароитҳои истифодаи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ чун ҷузъи арзишҳои

умумбашарӣ низ ба қатор навгонии илмӣ шомил мешавад. Ва ниҳоят, инъикоси мақоми арзишҳои миллӣ дар раванди тарбияи худшиносӣ ва рушди маънавиёти миллӣ барои илми педагогика аҳамияти хос дорад.

Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Андешаҳои дар боло ироазшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Файзуллоева Зебунисоро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон додааст.

Диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва ақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 «Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Файзуллоева Зебунисо Буходировна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи
С. Улуғзода, Шербоев Саидбой

21.08.2021

Суроға: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел.: 232 50 00; 232 87 30; 2325005; Факс: 232 50 03 Сомона: www.languagesinstitute.tj - www.ddzt.tj E-mail: rector@ddzt.tj - info@ddzt.tj

*"Имзои Шербоев Саидбойро тасдиқ мекунам"*

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Ш. Наҷмуддинов